# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ)**

Истиқлоли миллии Тоҷикистон барои зуҳури тамоюлҳои тозаи таҳқиқӣ дар тамоми самтҳои улум, аз ҷумла забоншиносӣ заминаҳои муҳим фароҳам овард. Хоса, пажуҳиши сарнавишти таърихии вожагон, мавқеъ ва ҷойгоҳи аносири забонӣ дар қуруни мухталифи рушду инкишофи осори адабӣ дар мақоми меҳварӣ қарор гирифта, муҳимтарин вижагиҳои сарфиву наҳвии вожагони куҳан, сайри таърихии таҳаввули маъноии онон ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд, ки дар ин миён ҷойгоҳи унсурҳои ёвари сервазифа низ аз назари аҳли таҳқиқ берун намондааст. Ба ҳайси маводи фактологӣ истифода шудани вожагону таркиботи мавриди истифодаи адибони классики форсу тоҷик имконият фароҳам овардааст, ки дар баробари тайъини мавқеъ ва мақоми таърихии аносири забонӣ ва ташаккули маъноиву луғавӣ ва грамматикии онҳо дар қуруни мухталиф арзиш ва аҳаммияти забонии ҳар яке аз осор ба таври алоҳида таҳқиқ шавад, ки ин шева дар таъйини сабки нигориши осор низ аз аҳаммияти муҳим бархурдор аст. Бо он ки дар таҳқиқоти донишмандони соҳибноми тоҷик, чун М. Қосимова, Д. Саймиддинов, Д. Хоҷаев, Р. Ҷӯраев, С. Ҳалимов, А. Ҳасанзода ва дигарон паҳлуҳои мухталифи масъала, яъне вижагиҳои луғавиву маъноӣ, сарфиву наҳвии вожагон, аз ҷумла унсурҳои ёвари сервазифа ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст, вале ҳанӯз ҳам баҳси таҳқиқи аносири ёвари сервазифа ба таври комил ҳаллу фасли хешро наёфтааст ва ниёзи бештар ба таҳқиқу баррасиро дорад. Аз ин рӯ, рисолаи доктории Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони

муосир» таҳқиқоти ҷомеъ роҷеъ ба пажуҳиши унсурҳои ёвари сервазифа дар таркиби осори садаҳои мавриди назар ба шумор рафта, дар забоншиносии тоҷик бори аввал бо чунин вусъати назар ва густардагӣ ба анҷом расидааст. Диссертатсия мутобиқ ба таълифи рисолаҳои докторӣ ба қалам омада, ба шиносномаи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) **мутобиқат дорад.**

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки ба таъкиди муаллиф дар ин диссертатсия бори нахуст таърихи унсурҳои ёвари сервазифа, бо чунин густардагӣ, ба риштаи таҳлил кашида шуда, онҳо бо забони адабии муосири тоҷикӣ муқоиса карда шудаанд. Дар баробари ин, бори аввал дар тули инкишофи сеҳазорсолаи забони тоҷикӣ раванди майл кардани унсурҳои ёвар аз маҳдудвазифагӣ ба сервазифагӣ ошкор карда шуда, омилҳои бавуҷудоии ин майлон бо мисолҳои қотеъ равшан карда шудааст.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқ** дар он исбот мешавад, ки дар ҷараёни таълифи диссертатсияи хеш муаллиф аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони тоҷик ва хориҷи кишвар дар сатҳи матлуби илмӣ истифода намудааст. Ба таври куллӣ метавон таъкид дошт, ки дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз мустанад ва дақиқ манзур шудани маълумот, мутобиқати ҳаҷми куллии маводи диссертатсия бо коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, микдор ва ҳаҷмии умумии мақолаҳои чопнамудаи ӯ ва интихоби дуруст ва мувофиқи методологияи таҳқиқ равшан мегардад.

**Нуктаҳои асосие**, ки аз ҷониби диссертант дар нуҳ банд ба ҳимоя тавсия шудаанд, дар баробари бархурдорӣ аз тозагӣ, муҳимму мубрам будан, инчунин ҷусторҳову ковишҳои дақиқи муаллифи диссертатсияро шарҳу тафсир мекунанд, ки дар асоси мутолиаи пурра ва амиқи осори мавриди таҳқиқи ӯ ба даст омадаанд.

**Хулоса ва тавсияҳои** диссертатсия натиҷаи таҳлилу таҳқиқи илмӣ ва санҷидаи мақсаду ҳадафҳои назарӣ ва нуктаҳои асосии барои дифоъ пешниҳодшаванда ба шумор рафта, бар асоси онҳо ҷараёни идомаи тамоюлҳои нави мавзуи мавриди таҳқиқ муайян гардидааст. Самараи

таҳқиқоти анҷомёфта, ки дар бисту нуҳ банди назариявӣ ва шаш тавсияи амалӣ таҷассум ёфтааст, воқеан дар оянда на танҳо барои таълими мақсадноки таърихи забони тоҷикӣ, балки дар ҷараёни тадриси фанҳои сабкшиносӣ, матншиносӣ низ қобили аҳаммият буда, ҳангоми таълифи диссертатсияи илмӣ, иншои фарҳангномаҳо, шарҳҳои адабӣ ба осори даврони мухталифи адабиёти классикии форсу тоҷик муфид ва муҳим арзёбӣ мешаванд.

**Аҳаммияти назарии** таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки моводи диссертатсия барои таҳқиқи масоили шинохти сайри таҳаввули маъноии аносири ёвари сервазифа бар асоси мутолиа ва омӯзиши осори классикии форсу тоҷик дар даврони муайяни таърихӣ, маърифати бори маъноии бар дӯш доштаи онҳо, ҳифозати маънои грамматикӣ ва луғавии онҳо дар замони муосир ё аз миён рафтани бархе аз ин маонӣ, маърифати дурусти матлабҳои мавриди баёни муаллифони осор ба забоншиносон, адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён раҳнамоӣ ва кумак хоҳад кард.

**Аҳаммияти амалии диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки аз натиҷаҳои бадастомада метавон дар таълифи рисолаҳои илмии сатҳҳои мухталиф, таълифи фарҳангҳои тафсирию грамматикӣ, барнома ва дастурҳои таълимии тахассусӣ, хондани курсҳои ихтисос аз риштаҳои таърихи унсурҳои ёвари сервазифа сарфу наҳв истифода намуд.

Ҳамин тавр, диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 343 саҳифаро ба вуҷуд овардааст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия муҳиммият ва мубрамият, ҳадаф ва вазифаҳо, сарчашмашиносӣ, равишҳои таҳқиқ муқаррар гардида, нуктаҳои асосии барои ҳимоя манзуршаванда муайян шудаанд. Бахши дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ дар муқаддима хеле муфассал буда, диссертант кӯшидааст, ки тамоми пажуҳишоти роҷеъ ба мавзуи мавриди таҳқиқ ба анҷомрасондаро ба таври алоҳида тасниф ва баррасӣ намояд.

**Боби аввали** диссертатсия «Аз таърихи тадқиқи ҳиссаҳои ёвари нутқ» унвон дошта, матолиби меҳварии аслии таҳқиқот дар се фасл мавриди

баррасӣ қарор гирифтаанд. Муҳаққиқ бар асоси шеваи таҳқиқотии хеш нахуст роҷеъ ба вижагиҳои куллии пажуҳишии унсурҳои ёвари сервазифа таваҷҷуҳ зоҳир намуда, баъдан таърихи таҳқиқи ҳар яке аз онҳоро дар фасли алоҳида ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Диссертант дар ҷараёни баррасии масъалаи таҳқиқи пешояндҳо равиши таснифи пажуҳишотро аз рӯйи мазмуну муҳтаво ба кор гирифта, матолиби аслиро дар панҷ бахш ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ба андешаи муаллифи диссертатсия бахше аз таҳқиқот ба баррасии вазифаҳои асосии пешояндҳо равона шудаанд ва «дар чунин пажуҳишҳо олимони забоншинос кӯшидаанд, ки нақши ин гурӯҳи калимаҳои ёварро дар суратгирии робитаи аҷзои ибораву ҷумла нишон диҳанд» (дисс., с.24). Ба ин гурӯҳ таҳқиқоти забоншиносон Д. Тоҷиев, М. Исматуллоев, Т. Зеҳнӣ, Ш. Кабиров, Ф. Шарифова ва муҳаққиқи рус Р.Л. Неменоваро ворид намуда, роҷеъ ба махсусият ва шеваҳои аслии ҳар яке аз муҳаққиқон, ки ба баррасии пешояндҳо чун аносири ёвари сервазифа бахшида шудаанд изҳори назар кардааст.

Дар бахши пайвандкҳо бошад, асосан ба таҳқиқоти Д. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, М.Б. Шаҳобова, Ш. Рустамов, С. Атобуллоев, Х. Ҳусейнов, Б. Камолиддинов, Ф. Зикриёев, Н. Бозидов, П.Н. Хонларӣ, М. Баҳор, Х.Х. Раҳбар, М. Абулқосимӣ ва дигарон руҷуъ шуда, диссертант маҷмуи пажуҳишҳои дар заминаи пайвандакҳо анҷомёфтаро бо шеваи қаблӣ ба чаҳор гурӯҳ дастабандӣ намудааст. Дар заминаи баррасии ҷойгоҳи таҳқиқоти ин донишмандон роҷеъ ба ҳиссачаҳо, муҳаққиқ бо истифода аз маводи фактологии асрҳои мавриди таҳқиқ ва намунаҳои адибони муосири тоҷик мулоҳизоти қобили таваҷҷуҳе баён дошта, ҳатто бо далоили қатъӣ ва мутолиаи амиқ аз миён рафтани чандин маънои грамматикии онҳоро дар замони муосир таъкид доштааст.

**Боби дувуми** диссертатсия «Таҳаввули вазифаи ҳиссаҳои ёвари нутқ дар даврони бостон ва миёна» унвон дошта, баррасиҳои илмии муаллиф роҷеъ ба нуктаҳои асосии мавриди таҳқиқ дар ду фасл ҷараён гирифтаанд. Таснифоти матолиби меҳварии таҳқиқ низ бар асоси ду ҳиссаи номустақили

нутқ, пешояндҳову пасояндҳо сурат гирифтааст. Диссертант дар ҷараёни таҳқиқоти хеш муқаррар намудааст, ки унсурҳои ёвар дар аҳди бостон ва даврai миёна нисбатан камтар мушоҳида шуда, вазифаҳои онро дар ин давра асосан анҷомаҳои грамматикӣ ба сомон расонидаанд. Ба ибораи дигар, муаллиф қайд мекунад, ки ин вазифаи истиқрори робита миёни ҳиссаҳои мустақили нутқ ва ҷузъҳои дигари он тавассути ҳолатҳо (падежҳо) сурат гирифтааст.  Маҳз, камтар маҳфуз мондани мутуни ин давра омил бар он шудааст, ки таҳқиқи аносири ёвари сервазифа дар забоншиносии ватаниву хориҷӣ маҳдуд гаштааст.

Бар асоси мутуни куҳан ва таҳқиқи матншиносии он диссертант ба натиҷае расидааст, ки ҳарчанд миқдори пешояндҳо дар ин даврai инкишофи забонҳои бостон камтар ба назар мерасанд, вале нақши онҳо дар сурат гирифтани муносибати грамматикии аносири луғавӣ хеле густарда аст. Барои исботи ин назари хеш аз матни катибаи Бесутун, ки бо кӯшиши забоншинос Д. Саймиддинов таҳияву нашр шудааст, мисолҳои дақиқ овардааст. Дар баробари ин баррасиҳои муҳим диссертант пешоядҳои ин давраро аз рӯйи вазифа ё мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ ба чор гурӯҳ дастабандӣ намуда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ки а) пешояндҳо; б) зарфҳо; в) пешвандҳо; г) пайвандакҳо мебошанд. Дар баробари ин, хусусиятҳои маънои пешояндҳои даврai миёна, аз ҷумла пешоянди «аз» дар таҳқиқи анҷомёфта муфассал шарҳу тафсир ёфтааст. Омилҳои ҳифозати маъноии ин унсур дар осори даврони баъдӣ ва ҳатто замони муосир дар асоси маводи фактологии ҷамъовардаи муҳаққиқ баррасӣ шудааст.

Бо ҳамин шева ҷойгоҳи пайвандакҳо дар забонҳои бостон ва форсии миёна таҳқиқ шуда, муайян гардидааст, ки дар мутуни катибаҳои порсии бостон ду навъи пайвандакҳо: тобеъкунанда ва пайвасткунанда дучор меоянд. Дар умум, аз таҳқиқи истифодаи унсурҳои ёваре чун пешоянду пасоянд ва пайвандакҳо дар сангнавиштаҳои забони форсии бостон муаллифи диссертатсия ба хулосае расидааст, ки «дар тули мавҷудияти қариб дуҳазорсола ин гурӯҳи захираҳои сарфию наҳвӣ чун дигар унсурҳои

луғавии забон ба таҳаввулоти назарраси шакливу маъноӣ ва вазифавӣ дучор гардидаанд» (дисс., с.121).

**Боби сеюми** диссертатсия «Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пешояндҳову пасояндҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир» ном дошта, меҳвари асосии тадқиқоти илмии ин боб дар панҷ фасл мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Баҳси аввали ин бахши таҳқиқот корбурди пешояндаҳои аслии сода ба вазифаи ҳамдигар мебошад, ки муаллиф дар заминаи баррасиҳои анҷомдода ба хулосае расидааст, ки онҳо дар баъзе маврид бо забони адабии муосири тоҷикӣ умумият доранд. Дар баробари ин, фарқҳои чашмрас низ мавҷуд аст, ки усули таҳқиқи муқоисавӣ-таърихӣ имкон додааст, ки ин шабоҳат ва тафовутҳо мустанад ва мудаллал баррасӣ шаванд. Ваҷҳи субути назарҳои муаллиф ва таҳқиқи бештари аносири ёвари нутқ дар ин бахши таҳқиқот пешоядҳои аз, ба, бар, бо, дар ва шаклҳои классикии онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифта, роҷеъ ба ҳар яке аз онҳо мулоҳизоти санҷидаи илмӣ баён шудааст. Мабоҳиси қобили таваҷҷуҳи диссертант дар мавриди ба вазифаи пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда омадани пешояндҳо мебошад, ки бо зикри намунаҳо аз осори давраи таҳқиқ ва осори суханварони муосири тоҷик дидгоҳҳои илмӣ таъйид шудаанд. Дар идома бошад, хусусиятҳои корбурди пешояндҳои номии изофӣ ва таркибии номии изофӣ таҳқиқ шуда, ба вазифаҳои пешояндҳо ва бандаки изофӣ омадани пасоянди -ро ба сурати алоҳида баррасӣ шудааст. Ҳар яке аз ин дидгоҳҳои илмии диссертантро осори намояндагони адабиёти давраи таҳқиқ ба субут расонидаанд, ки, албатта, ҳосили ин таҳқиқот барои маърифати матолиби муаллифони осори мазкур низ қобили аҳаммият мебошанд. Дарки дурусти маънои грамматикии аносири мазкур, ки ба маънии луғавӣ низ бетаъсир намемонад, бегумон, роҳро барои маърифати саҳеҳи матолиби муаллиф ҳамвор мекунад.

Дар **боби чоруми** диссертатсия, ки «Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пайвандакҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир» ном дорад, бо ҳамин усул пайвандакҳо ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Нахуст,

диссертант мулоҳизаҳои хешро роҷеъ ба пайвандакҳои пайвасткунанда баён дошта, баъдан сайри таҳаввули маъноӣ ва вазифаҳои грамматикии пайвандакҳои тобеъкунандаро дар асоси мутуни осори манзум ва мансури асрҳои X-XIII ва муқоиса бо осори адибони муосир таҳқиқ кардааст. Баҳси қобили таваҷҷуҳ он аст, ки дар заминаи мутолиа ва баррасии осори аҳди мазкур диссертант дақиқ кардааст, ки пайвандакҳо ба вазифаи ҳиссачаҳо низ меоянд. Барои намуна аз осори суханварони номвари ин қурун, чун Рӯдакиву Фирдавсӣ, Мавлоно, Аттор ва дигарон маводи фактологӣ оварда, идомаи ин унсури муҳимми грамматикиро дар забони адабии муосири тоҷикӣ дар заминаи осори адибони имрӯз собит кардааст. Дар баробари ин, таҳқиқи қиёсии масъала муаллифро ба натиҷае расонидааст, ки вазифаҳои грамматикии аносири ёвар нисбат ба давраи муосир бештар будаанд. Пойдории қисмати камтари вазифаҳои мазкури унсурҳои ёвар дар осори адибони муосири тоҷик  Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Фарзона, А. Самад, Баҳманёр ба мушоҳида расидааст, ки муаллиф бо зикри намунаҳо андешаҳои хешро баён доштааст.

**Боби панҷуми** диссертатсия «Мавридҳои хоссаи истифодаи ҳиссаҳои ёвари нутқ дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир» унвон дошта, масоили меҳварии таҳқиқот дар чор фасл баён шудаанд. Баҳси аввалияи ин бахши таҳқиқот бар ҳодисаи ҳазфи ҳиссаҳои ёвари нутқ марбут аст, ки онро ба таъкиди муаллиф дар забоншиносӣ эллипсис мегӯянд. Донишмандони улуми балоғӣ бошад, онро эҷоз хондаанд. Баъдан бо зикри мисолҳои фаровон аз осори суханварони классикӣ собит намудааст, ки агарчи пешоянди «ба» дар ин давра қабл аз вожагони ифодакунанди замону макон истифода шудааст, дар мутуни назму насри муосир ё ҳазф шудаст ё ҷойи худро ба пешоянди «дар» вогузор кардааст. Дар ҷараёни баррасии соматизмҳо ҳамчун унсурҳои меҳварии ҳиссаҳои ёвари нутқ андешаҳои хешро дар мисоли калимаҳои ифодакунандаи узвҳои инсон чун рӯй, пушт, паҳлу, миён ва амсоли ин баён доштааст.

Аз таҳқиқу баррасии масоили меҳварии боби мазкур диссертант ба натиҷаҳои қобили тааммуле расидааст, ки унсурҳои ёвари сервазифа дар осори суханварони қарнҳои мавриди таҳқиқи ӯ дар баъзе мавридҳо ба сурати комил ва гоҳи дигар ба шакли ҳазфшуда ба кор рафтааст. Дар баробари ин, як баҳси ҷолиб ва қобили таваҷҷуҳи муаллиф он аст, ки бахше аз пешояндҳо дар гӯйишҳои муосири тоҷикӣ ҳам дар шакли аслӣ ва ҳам тағйирхӯрда боқӣ мондаанд. Ин натиҷаҳои судманди илмӣ арзиши диссертатсияро дар маърифати бархе аз масоили мубрами шевашиносӣ низ баён медорад, ки сарчамшаҳои аслии унсурҳои ёвари маҳфуз дар забони зиндаи халқро бозгӯӣ кардаанд.

Дар **хулосаи** диссертатсия, ки аз 29 банди назарӣ ва 6 банд тавсияҳои амалӣ таркиб ёфтааст, муҳимтарин натиҷаҳои аз таҳқиқоти куллии матлабҳои меҳварӣ ба даст омада, ҷамъбаст ва баён шудаанд. Бозтоби вусъати назар ва доираи васеи мулоҳизоти муаллиф дар хулоса ва тавсияҳои амалӣ гувоҳ бар онанд, ки Курғанов Зохид Дехканович бо анҷоми ин таҳқиқот як саҳифаи тозаеро на танҳо дар забоншиносии тоҷик, балки дар таҳқиқи масоили матнпажуҳӣ ва шарҳнависии осори адабӣ ба поён бурдааст, зеро тағйироти маъноии аносири ёвар ё ҳиссҳои номустақили нутқ бар маърифати маънои аслӣ ва матлабҳои гӯянда низ таъсир мегузоранд. Маводи диссертатсия ва хулосаҳои муаллиф барои дарки матлаб ва мазмунҳои дурусти ашъор ба шореҳи мутуни адабӣ ва муҳаққиқони шарҳшиносӣ низ муфид ва муассир хоҳанд буд.

Довталаби дараҷи илмӣ бо таълифи 34 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 17 ададашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, муваффақ гардидааст. Ба таври куллӣ метавон изҳор дошт, ки маводи нашрнамудаи диссертант меҳвари аслӣ, натиҷаҳо ва мундариҷаи комили диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи ин мавзуи муҳим ва қобили аҳаммияти илмӣ собит мегардонад.

Дар баробари дастовардҳои мазкур дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки ислоҳашон барои такмили боз ҳам бештари арзиши илмии таҳқиқ мусоидат хоҳанд кард:

1. Дар рисола ба баъзе сарчашмаҳои алоҳидаи илмӣ зиёд мурочиат шудааст, дар ҳоле ки чунин матолибро метавон аз сарчашмаҳои дигар низ дарёфт кард (с.14, 97, 110).

2. Дар ҷараёни таҳқиқ гоҳо истилоҳоти забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ бо ҳамдигар омезиш ёфтаанд. Масалан, дар с.260 дар ҷараёни баррасии ҳодисаи «ҳазф» ба истилоҳи «эҷоз» низ ишора шудааст. Шарҳи мазкур, ки аз китоби «Ал-муъҷам» зикр шудааст, ҳамчун мафҳуми адабиётшиносӣ ё аз ҷумлаи унсурҳои балоғат ба кор рафтааст, ки ба ин нукта ишорат намудани муаллиф мувофиқи мақсад мебошад.

3. Дар боби дуюм диссертант аз рисолаҳои муҳаққиқони хориҷӣ истифода кардааст, хуб мешуд, ки чунин шеваи таҳқиқро дар бобҳои дигар низ давом медод.

4. Дар баъзе аз маводи фактологии мавриди истифода дар диссертатсия ғалатҳои имлоию иншоӣ ба чашм мерасанд (с.59, 143, 204...).

Албатта, ин ҳама камбудиҳои мазкур ҳаргиз ба арзишу аҳаммияти илмии диссертатсия таъсир намегузоранд.

Ба таври куллӣ метавон изҳор дошт, ки диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович ба яке аз мавзуоти муҳим ва қобили аҳаммияти забоншиносии тоҷик бахшида шуда, маҷмуи ҳадаф ва вазифаҳои дар назди муаллиф гузошташуда дар ҷараёни таълифи он ба сурати мукаммал баррасӣ шудаанд. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия бо автореферати он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардидааст, пурра мувофиқат намуда, ҳамроҳ 34 мақолаи таълифнамудаи муаллиф муҳтавои онро комилан ифода мекунанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани

дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ**:
Доктори илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Расулов Суҳайлӣ Мирқозиевич
«03» майи соли 2024-ум.

Суроға: 735020, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хисор, кӯчаи Султон Раҷабов,
бинои 1, ҳуҷраи 18.
Тел.: (+992) 11-116-74-47
E-mail: srasulov73@mail.ru

Имзои доктори илмҳои филологӣ Расулов Суҳайлӣ Мирқозиевичро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.
«03» майи соли 2024-ум.

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17б.
Телефон: (+992-37) 232-50-03; 232-50-00.
Сомонаи муассиса: www.ddzt.tj.
E-mail: ddzt@ddzt.tj